«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»
профессор ____________ Давлатзода С.Х.
«_21_» __03__________ 2023 с.

# ХУЛОСАИ

**Шурои олимони факултети молиявию иқтисодии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Султонов Мусулмон Субҳонович, соли таваллудаш 1988, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2012 факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ хатм намудааст.

Аз соли 2012 то соли 2017 омӯзгори кафедраи назарияи иқтисод ва молия буда аз соли 2017 то ба имрӯз ба ҳайси омӯзгори кафедраи молияи Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор карда истодааст.

Султонов Мусулмон Субҳонович солҳои 2016-2021 ба ҳайси унвонҷӯ дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳсил намудааст.

Мавзуи диссертатсияи илмии Султонов Мусулмон Субҳонович дар ҷаласаи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз «_29_» ____10________ 2022 таҳти № _03_ муҳокима гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Назирӣ Гулбаҳор Назир – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Бонки миллӣ.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

1. **Баҳои кори иҷрошуда.** Чи тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ташкили институтҳои кафолатдиҳии пасандозҳо ба созмондиҳии институтҳои махсуси назорат, реструксияи системаи бонкӣ, аудити дохилӣ ва берунӣ алоқаманд аст. Танҳо ҳамоҳангсозии зичи кори ин институтҳо имкон медиҳад, ки устувории системаҳои бонкӣ нигоҳ дошта, идоракунии ҳамаи зинаҳои рушди бонкҳо таъмин карда шавад.

Вале аз тарафи дигар, барои таъмини ҳимояи пасандозҳо мавҷудияти танҳо системаи кафолати пасандозҳо кифоя нест. Онро бо механизмҳои самарабахши назорат ва санҷиш аз ҷониби давлат пурра кардан зарур аст. Кафолати пасандозҳо бояд ба таври мушаххас бо ташаккули инфрасохтори комилан мувофиқи бозори молиявӣ ва дигар бозорҳои институтҳо ва танзими давлатии фаъолияти бонкҳо ҳамоҳангӣ дошта бошад. Танҳо дар ҳамин гуна ҳолат таъмини иҷтимоӣ ва иқтисодии хусусиятҳои амалиётии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзиро таъмин кардан ва аз тарафи онҳо гузаронидани сиёсати асоснок ва депозитивиро дуруст шуморидан мумкин аст, ки ин масъаларо метавон ба воситаи суғурта ҳал намуд.

Зиёдшавии нуфузи суғуртаи хавфҳои бонкӣ дар ҷаҳон ба якчанд сабабҳо алоқаманд аст. Яке аз онҳо васеъшавии майдони суғурта, аз қабили шумораи бонкҳо, активҳо ва сармояи онҳо, зиёдшавии ҳаҷми амалиётҳои бонкӣ ба шумор меравад. Сабаби дигаре, ки бонкҳоро ба суғуртакунӣ маҷбур месозад, афзоиш ва васеъшавии доираи хавфҳое мебошад, ки боиси зарар мегарданд, инчунин зиёдшавии ҳаҷми зарар мебошад, ки бо туфайли ҳодисаҳои фавқулода ба вуқуъ мепайванданд.

2. **Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзӯъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** таҳлили ҳамаҷонибаи нақш ва мақоми суғурта дар системаи идоракунии хавфи бонкӣ, муайян намудани самтҳо ва тавсияҳо барои такмил додани суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ мебошад.

**Масъалаҳои таҳқиқот**. Барои расидан ба ҳадафи таҳқиқоти мазкур вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

- омӯзиши асосҳои назариявии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ;

- муайян намудани таснифоти хавфу хатарҳои бонкӣ ва алоқамандии он бо суғурта;
- омӯхтани таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа оид ба суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ;
- ошкор намудани мушкилоти асосии бозори суғурта ва мавқеи он дар идоракунии хавфу хатарҳои бонкӣ;
- хусусиятҳои идоракунии хавфу хатарҳо дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳияи консепсияи суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот.** Системаи идоракунии хавфҳо дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Суғурта ҳамчун унсури асосии системаи идоракунии хавфи бонкӣ мебошад.

**Усулҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузошта шуда буданд, усулҳои иқтисодию оморӣ, монографӣ, абстрактию мантиқӣ, гурӯҳбандии ҳисоби конструктивӣ ва ғайра истифода карда шудаанд.

**Навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқот.** Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини муҳим, ки навгонии илмии таҳқиқотро ташкил медиҳанд, пешниҳод мегарданд:

- моҳияти назариявии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ таҳқиқ гардида, ақидаҳои муаллиф ҷиҳати такмили онҳо пешниҳод шуданд. Ақидаи муаллиф оид ба назарияи суғуртаи хавфу хатарҳои бонкӣ ин таҷрибаи муносибатҳои иқтисодӣ ва корӣ дар байни бонк ва ширкати суғуртавӣ мебошад, ки дар асоси истифодаи захираҳои якдигар барои ташкили фурӯши маҳсулоти худӣ ва хизматрасонӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи тарафайн ба роҳ монда шудааст, аниқ карда шуд;
- масъалаҳои методии хавфу хатарҳои бонкӣ ва таснифоти он дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, масъалаҳои методӣ хавфу хатарҳои бонкӣ ва таснифоти он ба шароити бозори бонкӣ ва суғуртавӣ мутобиқ пешниҳод гардиданд. Муайян карда шуд, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба хавфҳои қарзӣ, бозорӣ, асъори бозоргирӣ, амалиётӣ, хавфҳои шуҳрати бонк дучор мегарданд. Зимни таҳқиқот хулосабарорӣ карда шуд, ки таҳлили системаи таснифоти хавфҳои бонкӣ ва ташкили системаи суғуртаи онҳо имкон медиҳад, ки истифодаи ташкилотҳои суғурта барои ҳимояи манфиатҳои қарзгирон дар созишҳо ва дигар муносибатҳои тарафайн, на

танҳо дар фаъолияти бонкӣ, балки соҳаҳои дигар низ, самаранок ба роҳ монда шавад;

- асосҳои суғуртакунонии хатарҳои бонкии кишвар таҳлил гардида, муаммои ҳамоҳангсозии санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлативу стратегияҳо тавзеҳ ва роҳҳои такмили он муайян карда шуданд. Омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа оид ба суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ ва истифодаи он дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки на танҳо хавфу хатарҳои бонкӣ ва имконияти суғуртакунонии он дар бозори суғуртавӣ баҳогузорӣ гардад, балки самтҳои имконпазири такмили минбаъдаи он бо дарназардошти рушди бозори бонкӣ ва суғуртаи ватанӣ муайян карда шавад;

- мушкилоти асосие, ки барои идоракунии хавфу хатарҳои бонкӣ дар бозори суғуртавӣ, ки монеа эҷод менамоянд, аз ҷумла сатҳи баланди марказонидашуда будани бозори суғуртаи мамлакат ва рушди номукаммали рақобат, сатҳи пасти пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавии ватанӣ, набудани ширкатҳои азнавсуғуртакунӣ, норасоии мутахассисони баландихтисоси суғуртавӣ, сатҳи пасти талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои суғурта, эътимоди пасти аҳолӣ ба бахши суғурта, сабаби бехабарии аҳолӣ нисбати фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ ошкор карда шуд. Барои бартараф намудани мушкилиҳои номбурда чунин тавсияҳо, аз қабили фароҳам гардидани муҳити боэътимод ва устувори суғуртакунонӣ, решакан намудани рақобати носолим дар бозори суғурта, инкишофи бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ, рушди муносибатҳои тарафайни бозорҳои суғуртаи миллӣ ва байналхалқӣ, зиёд шудани номгӯи хизматрасониҳои суғуртавӣ ва шумораи ширкатҳои суғуртавии ватанию хориҷӣ пешниҳод карда шуд. Татбиқи пурраи тавсияҳои мазкур ба мунтазам зиёд шудани саҳми бозори суғурта дар низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявӣ, баланд шудани сатҳи ҳифзи суғуртавии субъектҳои соҳибкорӣ ва шаҳрвандони мамлакат ва амалӣ намудани механизми таъминкунандаи рушди устувори иқтисодӣ мусоидат хоҳад намуд;

- зимни таҳлилҳо хусусиятҳои идоракунии хавфу хатарҳои бонкӣ дар бозори суғуртаи кишвар мавриди таҳлил қарор ёфта, нишондиҳандаҳои фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ дар бозори суғуртаи ҷумҳурӣ, шартномаҳои басташудаи ширкатҳои суғуртавӣ, намудҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ ошкор гардид. Дар баробари ин муайян карда шуд, ки дар ҳоли ҳозир бонкҳои ватанӣ ду механизми асосии мубориза бо хавфҳоро доранд. Якуми онҳо бо мавҷудияти миқдори

зиёди санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ вобаста буда, усули дуюми мубориза бо хавфҳои бонкӣ ташкил намудани захираҳои ҳатмӣ мебошад. Механизмҳои мазкур базаи захиравӣ ва иқтидори захиравии низоми бонкӣ, ҳамчунин заминаи баландбардории устувории иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад;

- барои рушди минбаъдаи самараноки гурӯҳҳои суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ бо дарназардошти иқтидор ва дурнамои онҳо такмили асосҳои ташкилӣ ва пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ, консепсияи суғуртакунонии хавфу хатар оид ба муътадилгардонии хавфҳо ба воситаи консепсияи менеҷмент, консепсияи молиявӣ, консепсияи маркетингӣ, консепсияи сармоягузорӣ таҳия карда шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аз он иборат аст, ки он корҳои олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷиро оид ба суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ дар бар гирифтааст. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

Диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ мебошад. Таҳлилҳои гузаронидаи ӯ дар заминаи корҳои олимони шинохтаи иқтисодиёт ва дигар пажӯҳишҳои монографии донишмандони муосири иқтисоддон ба ӯ имкон додаанд, ки як қатор пешниҳод ва тавсияҳои муҳимму мушаххасро доир ба мавзуи таҳқиқшаванда асоснок намояд.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия, ки ба муҳокима пешниҳод шудааст.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад: 7.1. Тамоюлоти ҳозиразамони ташкил ва амалкарди низоми суғурта ва бозори хадамоти суғуртавӣ; 7.2. Асосҳои назариявӣ ва методологии пешгӯйӣ ва мониторинги рушди суғурта ва бозори хизматрасонии суғурта; 7.5. Рушди низоми суғурта ва бозори суғурта дар шароити кунунӣ; 10.1. Ташаккули системаи бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисодӣ бозорӣ; 10.5. Устувории системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.16. Системаи мониторинг ва пешгӯикунии таваккалҳои бонкӣ. Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида ба нашр расидааст.

Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (солҳои 2010-2020) пешниҳод гардида, дастгирӣ ёфтаанд. Аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Рушди гидроэнергетика - Рушди Тоҷикистон» (20-уми декабри соли 2020) дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва нақши он дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи давлатҳо» бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (27 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**
**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М] Султонов М.С. Баъзе масъалаҳои суғуртаи хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар шароити имрӯза [Матн] / М.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2018. - №6. қ.2. – С. 155-158.

[2-М] Султонов М.С. Роҳҳои такмил додани хизматрасонии суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Султонов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷалаи илмӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2018. - №1/3 (55). – С. 200-206.\

[3-М] Султонов М.С. Мушкилоти бозори суғурта ва роҳҳои бартараф намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.С. Султонов, Ш.М. Саидмуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2019. – №2. – С. 128-132.

[4-М] Султонов М.С. Асосҳои назариявии идоракунии хавфу хатарҳои бонкӣ // Паёми Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав маҷалаи илмӣ Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ, Бохтар 2020, №1/3(77).

[5-М] Султонов М.С. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа оид ба суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ [Матн] / М.С. Султонов // Кишоварз.

Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. – Душанбе, 2020. - №4 (89). – С. 269-273.

[6-М] Султонов М.С. Таснифоти хавфҳои бонкӣ ва алоқамандии он бо суғурта [Матн] / Г.Н. Назирӣ, М.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. – Душанбе, 2021. - №3 (37). – С. 151-157.

[7-М] Султонов М.С. Роҳҳои танзими суғуртакунии хавфҳои бонкӣ [Матн] / Г.Н. Назирӣ, М.С. Султонов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Душанбе, 2021. - № 4(2). – С. 57-63.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои истифода пешниҳод шудааст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Корҳои чопшуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.
3. Ба Султонов Мусулмон Субҳонович дар бораи дуруст ба расмият дароварда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз иҷозат дода шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети молиявию иқтисодӣ аз «29» 03 2023 с. таҳти № 08 қабул гардидааст. Дар ҷаласа ҳамагӣ 23 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушод:
тарафдор - 23 нафар,
зид - нест,
бетараф - нест

**Раиси ҷаласа,**
декани факултети молиявию иқтисодӣ
номзади илмҳои иқтисодӣ Раҳимов П.С.

**Котиби илмӣ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ Шарипов И.О.

**Муқарризони холис:**
Директори филиали Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар
шаҳри Леваканти вилояти Хатлон,
номзади илмҳои иқтисодӣ Баротзода Ш. М.

Декани факултети гумрук ва таҳлили
иқтисодӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Бақоев Ш.С.

Имзои Раҳимов П.С., Шарипов И.О., Баротзода Ш. М. ва Бақоев Ш.С.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи
кадрҳо ва корҳои махсус
ДДБ ба номи Н. Хусрав Шукурзод Ҷ.А.
«31» 03 2023